Ба Шурои диссертатсионии
6D. КОА - 012 назди ДДТТ,
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи Шарифова Дилором Мустафоқуловна** дар мавзуи **«Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ)**

Дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ яке аз самтҳои муосир истифодаи фишангҳои ҳозиразамон ва пешбурди амалиётҳои ҷавобгӯ ба талаботи иштирокчиёни бозор, такмили механизми танзими давлатӣ, коркарди стратегияи рушди ва ворид намудани дигаргуниҳоро дар ин раванд ба ҳисоб меравад.

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ яке аз масоили мубрами рушди бозор аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани механизми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Омилҳои зиёде ба рушди соҳаи хизматрасонӣ ва хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ аз ҷумла ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва минтақавӣ, тағйирёбии қонеъ гардонидани талабот ба мол ва хизматрасонӣ, вазъи шуғл, сатҳи даромади аҳолӣ, буҷети давлатӣ, рушди муносибатҳои байналмилалӣ таъсири бевосита доранд. Дар ин радиф мушкилотҳои зиёде нисбати такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар асоси баназ гирифтани аҳамияти иҷтимоии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлонро тақозо мекунад. Ан ин рӯ мубрамияти мавзӯи рисолаи Шарифова Д.М. дар дар мадди аввал гузошта мешавад.

Аз таҳлили автореферат бар меояд, ки дар рисола дар сатҳи зарурӣ моҳияти иҷтимоию иқтисодии хизматрасонии маишӣ таҳқиқ шуда, нақши он дар шароити беҳдошти муносибатҳои бозорӣ ва зарурияту пешниҳоди ин хизматрасониҳо ва ҷавобгӯ будани онҳо ба талаботи аҳолӣ муайян ва таҳқиқ карда шудааст.

Инчунин аз таҳлили автореферати диссертатсия бармеояд, ки дар она хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасониии маишӣ ба аҳолӣ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ карда шуда, роҳҳои мухталифи амалисозии пешниҳоди онҳо ва такмили низоми хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва идоракунии он дар раванди такмили иқтисодиёти инноватсионӣ сурат гирифтааст.

Натиҷаҳои арзёбии вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили вазъи хизматрасонии пулакию маишӣ ба аҳолии он ва вилояти Хатлон, ба муаллиф имконият дод, ки омилҳои таъсиррасон муайян карда шуда норасоиҳои ҷойдошта ва амсилаи фаъолгардонӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ таҳия карда шуда, барои истифодабарӣ дар минтақаҳои вилоят пешниҳод шаванд

Аз автореферат бар меояд, ки самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ, ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ боназардошти амсиласозии бисёромилаи иқтисодию риёзӣ, истифодаи Веб-хизматҳо

ва технологияи муосири рақамӣ, дастгирии ҳуқуқӣ, ташаккули зерсохтори оқилонаи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон то давраи соли 2030 пешниҳод шудааст.

Новобаста ба бартариятҳо автореферат дорои камбудиҳо низ мебошад.

1. Дар рисола дар сатҳи зарурӣ хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасонии маишӣ аҳолӣ дида баромада шудааст. Мутаасифона раванди такмили низоми танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар автореферат шарҳ дода шудааст.
2. Инчунин дар автореферат на ҳамаи ҷабҳаҳои механизми дастгирии давлатӣ ва хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон дида баромада шудааст.

Камбудиҳои нишондодашуда характери тавсиявӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Корҳои чопшуда ва автореферат сохтор ва мазмуни диссертатсияро дар бар мегиранд.

Ба ақидаи мо рисолаи илмӣ дар мавзуи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» пешниҳод шуда, кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Шарифова Дилором Мустафоқуловна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 - Иктисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
декани факултети иқтисоди соҳаҳо ва идораи
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С.Осимӣ — Ашурзода А.Н.

Тасдиқ менамоям:
Сардори ШКваКМ
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С.Осимӣ — Қодирзода Н.Ҳ.

Суроға: 734042 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш.Душанбе, кучаи
академикҳо Раҷабовҳо, 10
Тел./ Fax/: +992372217135
ttu@ttu.tj